«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, д.и.ҳ., профессор ____________ Раҳмон Д. С.
«30» ____августи____ соли 2022

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст**

Солҳои охир таваҷҷуҳи олимону забоншиносон ба муқоисаи забонҳо хело зиёд гардидааст ва ин аз бархурди тамаддунҳо гувоҳӣ медиҳад. Агар ба ҳолати муқоисавии ҷанбаҳои забоншиносӣ аз наздик назар афканем, то ин замон дар кишвари мо корҳои илмию таҳқиқоти зиёде ба сомон расидаанд, вале қиёси усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ аз мадди назари олимони забоншинос то андозае дур мондааст.

Қобили зикр аст, ки, муқоисаи калимасзии «сарфию наҳвӣ» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асарҳо бадеӣ) яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқ дар бахши забоншиносии муқоисавӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» пажӯҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзуъро бар мабнои усули муқоиса мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Бинобар ин, докторант рисоларо аз мубрамияти мавзуъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани муқоисаи усулҳои сарфию наҳвии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ) оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки мавзӯи мазкур аз ҷониби забоншиносони англис дар алоҳидагӣ кайҳо боз пажӯҳиш гардидааст. Аммо гарчанде дар забоншиносии тоҷик ба масъалаи таҳқиқ ва таҳлили калимасозии сарфию наҳвӣ таваҷҷӯҳ шуда бошад ҳам, дар забонҳое, ки зикрашон рафт, рисолае таълиф нагардидааст.

Ҳадафи ба риштаи таҳқиқ даровардани ин масъала нишон додани усулҳои калимасозии сарфию наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ҳисоб меравад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро таҳқиқотҳои олимону забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла, асарҳои илмии Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, Қ. Тоҳирова, Л.С. Пейсиков, Ҳ. Маҷидов, Ш. Бобомуродов, З. Мухторов, И.В Арнолд, Г.Б. Антрушина, О.Д. Мешков, А.И. Смирнитский, В.В. Виноградов, Е.С. Кубрякова, П.М. Карашук, В.В. Елисеева ташкил медиҳанд.

Сарчашмаи таҳқиқотро асарҳои бадеии забоншиносони ватанию хориҷӣ перомуни воситаҳои вожасозӣ, аз ҷумла, «Мактаби кӯҳна» «Марги судхӯр» ва «Одина»-и Садриддин Айнӣ, «Шоҳзода ва гадо»-и Марк ташкил додаанд.

Навгонии диссертатсия дар он аст, ки бори нахуст усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, дар асоси асарҳои бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Маллифи рисолаи илмӣ нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ба панҷ қисм ҷудо намудааст.

Таҳқиқот дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Маводи рисолаи илмии зерин оид ба омӯзиши масъалаҳои сарф, наҳв ва луғат дар илми забоншиносии муосир дар бахши калимасозӣ ба ҳисоб меравад, ки барои рушду такомули роҳҳои калимасозӣ, омӯхтан ва тадриси забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ кӯмак мерасонанд. Инчунин, натиҷаи онро метавон дар таҳия ва тартиб додани фарҳангу луғатҳо, лексикология ва грамматикаи забонҳои мазкур ва барои гузаронидани машғулиятҳои амалии факултетҳои филологии мактабҳои олӣ истифода кард.

Муҳаққиқ дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро аз иборат медонад, ки масъалаи матраҳгардида дар асоси маводи фаровони назариявию амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, бо нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор, мақсаду вазифаи таҳқиқ асос ёфтааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар рисолаи илмӣ аз он иборат аст, ки мавзуи калимасозии сарфию наҳвиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси асарҳои бадеӣ бори аввал ба таври фарогир мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Диссертатсияи номзадии Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» унвон дошта, аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба

истифодаи амалии натиҷаҳо, руйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисолаи илмӣ сухан роҷеъ ба мубрамии таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми рисола меравад.

**Боби аввали диссертатсия** «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» ном дорад. Боби мазкур аз се фасл иборат буда, дар он масъалаҳое ба монанди калима, калимасозӣ ва баррасии он дар забоншиносии муқоисавӣ, нақши вожасозӣ ҳамчун яке воситаҳои бойгардонии таркиби луғавии ин ду забон ва таҳқиқи усулҳои калимасозӣ (сарфию наҳвӣ) аз дидгоҳи донишмандони забоншиносони ватанию хориҷӣ дар забоншиносии муосир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар боби мазкур муаллиф муътакид аст, ки калима воҳиди асосӣ ва маънодори забоншиносӣ буда, вазифаи асоси он номгузорӣ кардан мебошад. Муаллифи рисолаи илмӣ аслан ба таҳқиқотҳои Ниёзӣ Ш., Рустамов Ш., Тоҳирова Қ., Бобомуродов Ш., Мухторов З., Арнолд И.В., Антрушина Г.Б, Мешков О.Д., Смирнитский А.И., Виноградов В.В., Карашук П.М., Елисеева В.В. такя намуда, фикру андешаҳои худро низ иброз доштааст. Инчунин, диссертант дар ин боб ақидаи П.М Карашукро ҷонибдорӣ менамояд, ки он калимасозиро бо рушди забон ва ҷомеа алоқаманд дониста, онро чун раванди табиии тараққиёти забон маънидод намудааст. Дар ин росто муаллиф роҳҳои маъмули калимасозиро дар забони тоҷикӣ ба шаш ва дар забони англисӣ ба панҷ гурӯҳ таснифот кардааст.

**Боби дуюми диссертатсия** «Усулҳои калимасозии сарфӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон гирифта, вандафзоӣ ва ихтисора мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтаанд. Мусаллам аст, ки дар ҳарду забони муқоисашаванда аффиксатсия ин роҳҳи сарфӣ (морфологӣ) калимасозие мебошад, бо ёрии ванд (аффикс) сохта шудани калимаҳоро дар бар мегирад. Вандҳо дар ҳарду забони муқоисашаванда ҳам ду хел шаклсоз ва калимасоз мешаванд. Вандҳои калимасоз маънои калима ва вандҳои шаклсоз шакли калимаро дигар мекунанд. Дар зербоби фасли

якуми боби мазкур сохта шудан калима тавассути пешванд ва дар зербоб дигар бошад сохта шудани калима ба воситаи пасванд баррасӣ гардиданд. Дар фасли дуюми боби мазкур муаллиф ихтисорaро аз руйи критерияи сохтории забоншиносӣ дар забони тоҷикӣ ба чор ва дар забони англисӣ ба се гурӯҳ таснифот намудааст. Ҳамчунин, дар фасли дуюм муаллиф қайд мекунад, ихтисорае, ки ба забони англисӣ хос буда, дар забони тоҷикӣ назаррас нест, кӯтоҳ кардани калимаҳои забони лотинӣ мебошад.

**Боби охири диссертатсия** ба «Роҳҳои калимасозии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар забоншиносии муосир бахшида шуда, аз чор фасл иборат аст. Дар боби мазкур фаслҳои «Конверсия ва вижагиҳои он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Субстантиватсия дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Вербализатсия дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ва «Калимаҳои мураккаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» мавриди пажӯҳиши амиқи илмӣ қарор мегирад. Дар фасли дуюм муҳаққиқ чунин иброз медорад, ки ба воситаи субстантиватсия дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ калимаҳои нав сохта мешаванд. Ин роҳи мазкури калимасозии наҳвӣ дар забони англисӣ нисбати забони тоҷикӣ серистеъмол ба ҳисоб меравад. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бештар чунин ҳиссаҳои нутқ субстантиватсия мешаванд: сифат, феъл (сифати феълӣ), аммо фарқияти асосии забони англисӣ дар он зоҳир мегарад, ки феълҳо бештар, бе тағйироти сарфӣ (морфологӣ) субстантиватсия шуда метавонанд.

Дар фасли сеюм усули калимасозии вербализатсия баррасӣ карда мешавад. Ин роҳи калимасозие мебошад, ки тавассути он ҳиссаҳои нутқи дигар ба феъл мегузаранд. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар забони тоҷикӣ усули калимасозии вербализатсия чандон маъмул нест, аммо он дар забони англисӣ ба назар мерасад.

Диссертант дар фасли чоруми боби сеюм калимаҳои мураккабро баррасӣ намуда, онҳоро дар забонӣ тоҷикӣ ба се ва дар забонӣ англисӣ ба панҷ намуд ҷудо кардааст.

Инчунин, муҳаққиқ фаслҳои боби мазкурро аз рӯйи критерияҳои забоншиносӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода, фикру андешаҳои худро доир ба масоили матраҳгардида дақиқ шарҳу тавзеҳ додааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси диссертант ҷамъбаст гардида, хулосаи умумӣ бошад натиҷаҳои таҳқиқоти хотимаёфтаро дар мегирад, ки дар рушду нумӯи калимасозии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нақши бениҳоят муҳим дорад.

Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар раванди таҳлилу баррасӣ тамоми андешаҳои худро бо далелҳои илмӣ асоснок карда, дар ин росто ба корҳои илмии олимону забоншиносони ватанию хориҷӣ такя менамояд ва назари худро оид ба нукоти мухталифи баҳснок дар самти таҳқиқи калимасозии сарфию наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ асоснок менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзи овардани иқтибос, таҳияи бобу фасл ва зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт мутобиқи талаботи меъёрҳои муосири таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Боиси таъкид аст, ки муаллиф мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузоштаро ба пуррагӣ иҷро намуда, як таҳқиқоти мукаммал ва саҳеҳро пешниҳод кардааст, ки барои илми забоншиносии тоҷик аҳамияти илмии назариявӣ ва амалӣ дошта, дар бахши лексикология ва грамматикаи он таҳқиқоти нав ба ҳисоб меравад.

Дар баробари комёбиҳои бешумор дар рисола ва фишурда камбудиву норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд:

1. Дар таҳқиқот муаллиф иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар назари танқидии худро баён менамуд, хуб мешуд.

2. Дар диссертатсия баъзе аз таҳқиқотҳои вобаста ба мавзуи диссертатсия мавриди истифода қарор нагирифтаанд.

3. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия (саҳ. 8, 9, 12, 47 ва ғ.) ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ ба чашм мерасанд.

4. Хулосаи диссертатсия аз рӯйи қоида ба пунктҳо ҷудо карда шудааст, лекин фикр мекунем агар муаллиф фарқияту умумияти калимасозии сарфию наҳвиро мушаххастар ҷамъбаст менамуд, ҳусни корро меафзуд.

Дар маҷмуъ, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Фишурдаи диссертатсия бо (забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп намудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад.

Тавре ки аз руйхати интишороти Ҳамроев О.А. бармеояд, ӯ оид ба мавзуи таҳқиқоти худ 10 мақола ба табъ расонидааст, ки аз ҷумла, 4-тоаш дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Хулосаҳои кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии таҳқиқотро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович (бино ба мазмуни фишурдаи он) дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) аст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 29 августи соли 2022, протоколи №1/1 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-13 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи № 1/1 аз 29 августи соли 2022.

**Раисикунанда:** номзади илми филология,
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Муродов
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Баҳриддин Раҳмонович

**Ташхисгарон:** номзади илми филология,
мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои
хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Гуламадшоев
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Шокиршо Шершодзоевич

номзади илми филология,
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Гулямов Ҳ.Қ.

**Котиби илмии ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Маҳсудинов Р.И.

«Имзоҳои Муродов Б.Р., Гуламадшоев Ш.Ш., Гулямов Ҳ.Қ ва Маҳсудинов Р.И.-ро тасдиқ менамоям»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф. А.

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16
Телефон: (+992 33 22) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj
Сомона: http://kgu.tj/